# Андоз аз объектҳои ғайриманқул

Меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқул ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад (м. 279 КА ҶТ):

1. Меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқул вобаста ба масоҳати ишғолнамудаи объектҳои ғайриманқул ва мақсади истифодабарии он бо фоиз аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо коэффитсиенти минтақавӣ дар микёси шаҳру ноҳияҳо муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 28.12.2013 № 1046).

2. Меъёри андоз тибқи андозаҳои зерин мукаррар карда мешавад:

- барои объектҳои ғайриманқули ба сифати биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ истифодашаванда, инчунин биноҳои ёрирасони онҳо то 90 метри мураббаъ - ба андозаи 3 фоиз (Қонуни ҶТ аз 28.12.2013 № 1046);

- барои масоҳати боқимондаи объектҳои ғайриманқули ба сифати биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ истифодашаванда, инчунин биноҳои ёрирасони онҳо зиёда аз 90 метри мураббаъ - ба андозаи 4 фоиз (Қонуни ҶТ аз 28.12.2013 № 1046);

- барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намуди хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифодашаванда то 250 метри мураббаъба андозаи 12,75 фоиз, барои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб - ба андозаи 2-каратаи меъёри мазкур (Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 № 1188);

- барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намуди хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифодашавандаи масоҳати боқимондаашон зиёда аз 250 метри мураббаъ - ба андозаи 15 фоиз, барои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб - ба андозаи 2-каратаи меъёри мазкур (Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 № 1188);

- барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани дигар намуди фаъолият истифодашаванда то 200 метри мураббаъ - ба андозаи 9 фоиз, барои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб - ба андозаи 2- каратаи меъёри мазкур (Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 № 1188);

- барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани дигар намуди фаъолият истифодашавандаи масоҳати боқимондаашон зиёда аз 200 метри мураббаъ - ба андозаи 12 фоиз, барои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб - ба андозаи 2-каратаи меъёри мазкур (Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 № 1188).

3. Коэффитсиентҳои зерини минтақавӣ андозаи пардохти андоз аз объекти молу мулки ғайриманқулро ба танзм медароранд:

| Гурӯҳҳо | Номгӯи шаҳрҳо ва ноҳияҳо | Коэффисентҳои минтақавӣ |
|---|---|---|
| 1. | қаламрави шаҳри Душанбе | 1,0 |
| 2. | қаламрави шаҳрҳои Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб | 0,8 |
| 3. | қаламрави шаҳрҳои Қайроққум, Чкалов, Табошар, Истаравшан, Исфара, Конибодом, Панҷакент, Ваҳдат, Турсунзода, Роғун, Норак, Сарбанд ва Хоруғ | 0,55 |
| 4. | қаламрави дигар шаҳракҳо ва марказҳои маъмурии ноҳияҳое, ки дар гурӯҳҳои 1, 2 ва 3 нишон дода нашудаанд (ҚҶТ аз 18.03.2015,№ 1188) | 0,4 |
| 5. | қаламрави деҳоти мансуб ба ноҳияҳои (шаҳрҳои) Истаравшан, Қайроққум, Чкалов, Бобоҷон Ғафуров, Исфара, Конибодом, Спитамен, Ҷаббор Расулов, Панҷакент, Ваҳдат, Рӯдакӣ, Турсунзода, Шаҳринав, Ҳисор, Ёвон, Восеъ, Данғара, Кӯлоб, Фархор, Ҳамадонӣ, Мӯъминобод, Норак, Вахш, Қубодиён, Қумсангир, Носири Хусрав, Панҷ, Сарбанд, Хуросон, Ҷалолиддини Румӣ, Ҷиликӯл ва Шаҳритус | 0,3 |
| 6. | қаламрави деҳоти мансуб ба ноҳияҳои (шаҳрҳои) Ашт, Зафаробод, Мастчоҳ, Темурмалик, Балҷувон, Ховалинг, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бохтар, Варзоб, Файзобод, Тавилдара, Тоҷикобод, Ҷиргатол ва Шӯрообод | 0,15 |
| 7. | қаламрави деҳоти мансуб ба ноҳияҳои (шаҳрҳои) Ғончӣ, Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Шаҳристон, Нуробод, Рашт, Роғун, Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Роштқалъа, Рӯшон, Хоруғ ва Шуғнон | 0,09 |

4. Аз рӯи объектҳои ғайриманқуле, ки дар минтақаҳои рушди сайёҳӣ ва истироҳат ҷойгир мебошанд, меъёрҳои андоз ба андоза 2-каратаи меъёрҳое, ки дар қисми 2 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, муқаррар карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 14.11.2016 № 1367).

5. Барои андозбандии таҳхонаҳо ва болохонаҳо, инчунин барои биноҳои (ҳуҷраҳои) ёрирасон меъёрҳои дар қисми 2 ҳамин модда муқарраршуда истифода бурда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 14.11.2016 № 1367).